## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин дар мавзуи «Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот . - Душанбе, 2025. - 206 с.**

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 010300 - Педагогика ва психология (6D 010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мутобиқат дорад:

- Банди 1. Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (асосҳои ҷаҳонбинии таҳқиқот; равишҳои таҳқиқотӣ ба рушди илми педагогӣ, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ; рушди соҳаи фанни педагогика; илмшиносии педагогӣ; хусусияти робитаҳои байнифаннӣ дар таҳқиқоти педагогӣ; характери диалектикии алоқаи мутақобилаи илми педагогика ва амалияи таълим; асосноккунии методологии таҳқиқоти пешгӯйикунанда; асосноккунии методологии таҳқиқоти дастҷамъона; сифати таҳқиқоти педагогӣ);

- Банди 2. Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта); таърихи этнопедагогика, рушди лексика ва истилоҳшиносӣ);

- Банди 7. Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ҳаракати навоварона (инноватсионӣ) дар таълим; фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишии муассисаҳои таълимӣ; тағйироти системавӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла, моҳият, сохтор, вазифаҳои он; фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи маориф, шарикии иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ),

- Банди 8. Педагогикаи муқоисавӣ (ҳолат, қонуният ва тамоюлҳои рушди назария ва амалияи педагогӣ, назария ва амалияи таълим дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни ҷаҳон; таносуби тамоюлҳои умумии рушди таҳсилот, хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ, имкониятҳо, асосноккунӣ ва роҳу воситаҳои ғанисозии мутақобилаи низомҳои миллии таҳсилот тавассути истифодаи таҷрибаи хориҷӣ, ошкорсозии таҷрибаи пешқадам дар соҳаи маориф).

***Мубрам будани мавзуи диссертатсия.*** Мавзуи кори диссертатсионии Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин аз ҷиҳати интихоби мавзуъ мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир – «Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ» бахшида шудааст.

Имрӯз таҳсилоти муосир дар марҳилаи таҳаввулоти ҷиддӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омӯзгорон барои татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф вазифаҳои басо пурмасъулият гузошта мешавад. Бояд дар шароити мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар хонандагон ҳиссиёти қавӣ ба таҳсилот ва аз худ намудани асосҳои донишҳои илмӣ бедор карда шавад. Ҳамзамон, дар марҳилаи ислоҳоти соҳаи маориф аз кормандони масъули соҳаи маориф ва омӯзгорон босалоҳиятнокӣ ва дорои тафаккури эҷодӣ будан талаб карда мешавад. Ҳамзамон, барои шаҳрвандони ҷомеаи муосир, шахсони дорои маънавиёти баланд ва фаъоле заруранд, ки қобиланд амалҳои созандаро дар шароити гуногун роҳандозӣ намуда, маҳорати ҳамкорӣ, фаъолиятнокӣ ва созандагиро намоиш дода тавонанд. Маълум аст, ки ноил гардидан ба ин ҳадаф бе баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таҳсилӣ ва муносибати мусбат ба таълим амали мушкил аст.

Имрӯз метавон гуфт, ки маърифатнокии хонандагон рӯ ба афзоиш дошта, нерӯи зеҳнии хонандагон барои азхудкунии асосҳои донишҳои замонавӣ тақвият ёфта истодааст ва хонандагон метавонанд, дар

ҷараёни таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ин ё он равияи таълимро интихоб намоянд. Таълими равиявӣ бошад, воситаи фардисозӣ ва тафриқавии раванди таълим буда, имкон медиҳад, то ки мазмун, сохтор ва ташкили раванди таълим тағйир дода шуда, майлу рағбат, маҳорат ва малакаҳои хонандагон ба назар гирифта шуда, пешзаминаҳо барои таълими хонандагони синфҳои болоӣ мутобиқан бо мақсадҳои онҳо ва майлу рағбатҳои касбӣ ташаккул дода шаванд.

Дар соҳаи таҳсилоти муосир таълими равиявӣ ба азхудкунии амиқи донишҳо мусоидат намуда, ҳамзамон ба омодасозии хонандагон ба фаъолияти ояндаи касбӣ мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, ҳар қадар рағбати хонандагон дар муасссисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо интихоби касб муайян шаванд, ҳамон қадар эҳтимолияти бештар вуҷуд дорад, ки ҷомеа дар оянда мутахассиси эҷодкор ва соҳибкасби хубро ба даст орад.

***Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:*** Рӯй овардани муаллифи рисола ба мавзуи мазкур аз чанд ҷиҳат қобили дастгирист. Қабл аз ҳама, дар ин самт мушкилот ва масоили ҳалталаб зиёданд. Ба андешаи унвонҷӯй, монеа ва ихтилофоти асосӣ, ки ба ташаккули тарбияи таҳаммулпазирӣ халал мерасонанд, инҳоянд:

1. Технологияи оид ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ тарҳрезӣ шуд, ки хусусияти марҳилавӣ будани амалисозии амсилаи таҳияшуда ва шароити фаъолият ва ташаккули натиҷанокии онро таъмин менамояд.

2. Амсилаи рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ тарҳрезӣ шуд, ки хусусияти хоси он консепсияи корбасти ҳадди аксари имкониятҳои таълими равиявӣ барои ноилшавӣ ба марҳилаи эҷодию таҳаввулдиҳандаи босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатӣ аз ҷониби хонандагон мебошад.

3. Маҷмуи шароити педагогии фаъолият ва ташаккули босифат дар

низоми таълими равиявии амсила оид ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ аз ҷиҳати назариявӣ далелнок карда шуда, аз ҷиҳати озмоишӣ мавриди санҷиш қарор гирифт.

Муаллифи рисола бар ин қарор аст, ки ба сифати меъёрҳои омодагии хонандагон ақидаҳо дар мавриди инкишофи таълими равиявӣ хосанд. Хонандагони МТМУ-и оянда ҳама иштирокчиёни чораёни педагогиро ҷалб карда, фосилаи миёни «таълимдиҳӣ-омӯхтан»-ро аз байн мебаранд ва маънои ҳамкории «омӯзгор-хонанда»-ро рӯшан месозанд. Дар ягон маврид ақидаҳои «интиқолдиҳӣ», «шаклдиҳӣ» мавҷуд нестанд! Танҳо фароҳам овардани шароит оид ба зоҳир намудани фикрҳо мумкин аст. Имконияти ин дар кори доимии педагог бо худ, дар муоширaт бо дигарон, давра ба давра амалӣ гардонидани шароитҳои муайяни педагогӣ ифода шудааст.

**Аҳаммияти таҳқиқи** фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ дар ҳалли мушкилоти ҷустуҷӯйи роҳҳои нави ташкили раванди таълимӣ-тарбиявӣ ифода меёбад, ки ба рушди эҷодӣ ва истифодаи ғайристандартии донишҳо мусоидат мекунанд. Ин донишҳо метавонанд беҳтарин роҳро барои ҳалли мушкилоти гуногуни касбӣ ва рӯзмарра пайдо намоянд. Бо такя ба зиддиятҳои ошкоршуда, мушкилоти таҳқиқот муайян гардид, ки кам будани таҳқиқотҳои илмӣ дар заминаи рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зоҳир мешавад. Маҳз ин мушкилот барои интихоби мавзуи таҳқиқот, яъне «Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ» асос гардидидааст. Аз ин лиҳоз – аҳаммияти методологӣ ва илмию амалии ин мавзуъ дар шароитҳои муосири таҷдиди низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ, компютеркунонӣ ва иттилоотонии ҷомеа мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявии рушдии фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми

таҳсилоти соҳавӣ» ном дошта, ба таҳлили таҳқиқоти илмие бахшида шудааст, ки дар онҳо усулҳои муосири ташкил ва татбиқи стратегияҳои педагогии ба ташаккули муносибати мусбат ба омодасозии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар самти таълими равиявӣ нигаронида шудаанд ва ҳамчун арзишҳои асосии ҳаётӣ қабул карда мешаванд.

Дар боби мазкур таҳлили таърихии масъалаи таҳқиқот дар назария ва амалияи илми педагогӣ пешниҳод гардидааст. Мафҳумҳои асосие, ки дар таҳқиқоти мазкур ба кор бурда шудаанд, инчунин дидгоҳҳои олимони муосир доир ба масъалаи мавриди баррасӣ таҳқиқ шуда, моҳияти рушдии фаъолияти маърифатӣ дар таълими соҳавӣ, инчунин салоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагони синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёна дар низоми таълими соҳавӣ муайян карда шудаанд.

Ба андешаи муаллифи рисола равиши иттилоотӣ ба омӯзиш дар назди дидактика ва педагогика иҷрои як қатор масъалаҳоро ба миён гузоштааст. Барои мисол, саволе оид ба шакли тасвири дониш дар раванди таълим пайдо мешавад, ки матнҳои анъанавӣ, маводи аёнӣ ва шакли нави монанд ба шакли иттилооти сохташуда: матн, тақсимкунӣ ба блокҳо ё тариқи сохторӣ ва ғайраро дар назар дорад. Дар навбати худ, шакли тасвиркунии донишҳо, ҷустуҷӯйи воситаҳои тасвиркунии онҳо дар равандҳои дидактикӣ ва методҳои коркарди иттилоот, яъне амалиёти таълимӣ-маърифатӣ, методҳои азхудкунӣ ва таълимдиҳиро муайян мекунад

Боби дуюми диссертатсия, «Озмоиши педагогӣ доир ба рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ» номида мешавад. Таълими равиявӣ ба интихоби касби хонандагон мусоидат намуда, ба хонандагон барои бомуваффақият аз худ кардани донишҳо кӯмак карда, ба фаъолияти маърифатӣ, инчунин омодасозии хонандагон ба фаъолияти ояндаи касбӣ мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, ҳар қадар

хонандагон дар муасссисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо интихоби касб муайян шаванд, ҳамон қадар эҳтимолияти бештар вуҷуд дорад, ки ҷомеа дар оянда мутахассиси эҷодкор ва соҳибкасби хубро ба даст меорад.

Диссертатсия собит месозад, ки масъалаи методикаи пайдарҳамии амалҳои мантиқии педагогӣ, аз ҷумла, тавсифи методҳо, усулҳо ва фаъолнокии мушаххаси ба ташаккул ва қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагон тавассути таълими равиявӣ нигаронидашуда, ки ба таҳкими дараҷаи омӯзиши соҳаи илми муосири ҳозиразамон, таваҷҷуҳи амиқ зоҳир гардидааст.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин дар мавзуи «Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ» таҳқиқоти анҷомёфта дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо***: дар низоми таълими равиявӣ асосноккунии маҳсулнокии ҳаллу фасли масъала доир ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ аз мавқеи муносибатҳои низомию фаъолиятӣ, шахсиятӣ ва босалоҳиятнокӣ гузаронида шуд, ки имкониятҳоро дар ташаккули минбаъдаи назария оид ба рушди фаъолияти маърифатӣ дар хонандагони синфҳои болоӣ фароҳам месозад; мафҳуми «босалоҳиятнокии таҳсилию маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ» мушаххассозӣ гардида, дараҷаи рушдёбандагии таҷрибаи корбуди самараноки маҳорату малакаҳои умумитаълимӣ дар раванди фаъолияти таълими мустақилона гузоштану ҳалли масъалаҳоро пешниҳод месозад.

**Аҳаммияти амалии тадқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо омӯзгорони фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонанд, истифода баранд. Натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшударо барои

донишомӯзии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии хонандагон мавриди корбурд қарор диҳанд.

Диссертатсияи мазкур дорои таҳлилҳои назариявию методологии ғанӣ буда, мафхумҳои калидӣ аз ҷиҳати равонӣ-педагогӣ хеле муфассал таҳлил карда шудаанд. Мақсад, вазифа, фарзия ва муқаррароти диссертатсия татбиқ ва иҷро гардидаанд. Натиҷаи таҳқиқот фарзияи пешниҳодгардидаро тасдиқ намудааст.

Тавсияҳои манзуркардаи довталаб Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин барои рушди маърифатии хонандагони МТМУ тавассути таълими равиявӣ ҷолиби таваҷҷуҳ буда, бо мақсади тақвият бахшидани тарбияи насли наврас мусоидат хоҳад кард.

Қобили қайд аст, ки муаллиф дар анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ заҳмати зиёд кашидааст: миқдори зиёди адабиёт, аз он ҷумла таҳқиқоти олимони муосири тоҷику хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода, таҳлил намудааст.

***Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:*** Муҳтавои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ-методии дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии Данғара баргузоршуда ироа ва баррасӣ шуда, дар 10 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 8-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 2-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводи конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.***

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, оид ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, тасаввуроти аникро медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо забони равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Оид ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант мухтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:***

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар диссертатсия таҳлили вазъи озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсила ва барномаи ташаккули омодагии хонандагони синфҳои болоӣ - омӯзгори оянда ба машғулиятҳои технологияҳои рушди фаъолияти маърифатӣ, таҷрибаи пешқадами муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ кам ба мушоҳида мерасад.

2. Дар матни диссертатсия, дар саҳифаҳои 1,10,12,16, 17, 18,22, 23, 25,27, 30, 32, 49, 53, 94. 110. 129 баъзе хатоҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

3. Натиҷаи фоизи гурӯҳи озмоишӣ дар ҷадвали 11-

диссертатсия хато ҳисоб карда шудааст.

4. Тавсияҳои таҳқиқотӣ дар намуди хулоса оварда шудаанд ва агар онҳоро мушаххас намуда, рақамбандӣ мекарданд, мувофиқи мақсад мебуд.

5. Агар дар диссертатсия таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фанни «Технологияҳои рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ таҳлил ва арзёбӣ мегардид, беҳтар мебуд, зеро озмоиш ин роҳи таҳқиқ ба муаллиф имкониятҳои бештарро дар мавриди ҷустуҷӯйи роҳу усулҳои пешқадам фароҳам меовард.

6. Хуб мешуд, ки ҳар як вазифаи дар назди таҳқиқоти илмӣ гузошташуда дар шакли хулосаҳои ҷамъбастии таҳқиқот ҳалли худро меёфтанд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Асосмиддинзода Ҳусейнро дар миқёси масъалаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Дар ҳаллу фасли вазифаи мавриди назар, диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии мавҷуда дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дошта, таҳқиқи масъалаи гузошташударо дар робита бо асосҳои бунёдӣ ва методологии ташаккули омодагии хонандагони синфҳои болоӣ - омӯзгориояндаи технологияҳои иттилоотӣ ба фаъолияти тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба риштаи таҳлил ва таҳқиқ кашидааст.

**Хулосаи ҷамъбастӣ**

1. Диссертатсияи Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин кори ба итмом расидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустакилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ

гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Асомиддинзода Ҳусейн Муҳидин дар мавзуи «Рушди фаъолияти маърифатии хонандагони синфҳои болоӣ дар низоми таълими равиявӣ», ки барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биологияи факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Баротзода К.А.**

**Имзои К.А. Баротзодаро тасдиқ менамоям:**
**СРК ва КМ-иДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода А.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Маълумот барои тамос:**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,
Тел: (+992) (37) 224 13 83, info@tgpu.tj www:tgpu.tj

2.07.2025